**«ТАСДИҚ МЕКУНАМ»**

Сардори Академияи Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент, генерал майори милитсия

____________________ Насуриён П.А.

«30» январи соли 2026

# ТАҚРИЗИ МУАССИСАИ ПЕШБАР

**ба диссертатсияи Исозода Файзиддин Исо дар мавзуи «Ҷавобгарии ҷинояти барои ғайриқонунӣ ба даст овардани иттилоот: проблемаҳои назариявӣ ва амалӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.8. Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ**

**Мутобиқати мавзуъ ва муҳтавои диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Таҳқиқоти диссертатсионии Исозода Файзиддин Исо дар мавзуи «Ҷавобгарии ҷинояти барои ғайриқонунӣ ба даст овардани иттилоот: проблемаҳои назариявӣ ва амалӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.8. Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ, ки аз рӯйи он ба Шурои диссертатсионӣ мувофиқи фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз санаи 01.04.2022 №95/шд ва 05.07.2024 №225/шд ҳуқуқи қабули диссертатсияҳо барои ҳимоя дода шудааст, мувофиқат мекунад.

**Мубрамии мавзуи таҳқиқот.** Таъмини амнияти иттилоотӣ дар замони муосир ба масъалаи асосии таъмини амнияти миллии давлатҳо мубаддал гардида, иттилоот ба объекти ба таври махсус ҳифзшаванда табдил ёфтааст.

Аз ин лиҳоз бо мақсади ташаккули пардохтҳои ғайринақдӣ дар шароити рушди босуръати технологияҳои иттиллоотию коммуникатсионӣ, ташкилотҳои қарзии молиявии ватанӣ, технологияҳои муосири молиявии рақамӣ, аз қабили кортҳои пардохтии бонкӣ, ҳамёнҳои электронӣ, бонкдории мобилӣ ва интернет-бонкингро татбиқ менамоянд, ки дар ин замина ба захираҳои иттилоотӣ, шабакаҳои иттилоотӣ ва телекоммуникатсионӣ вобастагии бештар пайдо мегардад. Аммо татбиқи густурдаи технологияҳои иттилоотӣ дар тамоми соҳаҳо мушкилоти зиёдеро барои ҷомеа ба миён меорад, ки дар байни онҳо, махсусан, амалҳое фарқ мекунанд, ки бо истифода аз ин гуна технологияҳо ба манфиатҳои давлат, ҷомеа ва шаҳрвандони алоҳида зарар мерасонанд.

Бояд тазаккур дод, ки ташаккули муносибатҳои нави марбут ба таъмин намудани иттилоот ба пайдоиши навъҳои нави ҷиноятҳо мусоидат намуд. Бо дарназардошти он, ки инсоният дар ибтидои асри XXI ба таҳдидҳо ва хатарҳои нави ҷаҳонии иттилоотӣ дучор омад, таъмини амнияти иттилоотӣ аз ҳамлаҳои киберӣ аз ҷумлаи вазифаи мубрами давлати муосир ба ҳисоб рафта, таҳдидҳои имрӯзаи иттилоотӣ (ғайриқонунӣ ба даст овардани иттилоот, ҳамлаҳои киберӣ, воридшавии ғайриқонуни ба системаҳои иттилоотӣ, паҳн намудани барномаҳои зараровар ва вирусҳои компютерӣ) ба амнияти миллии давлат зарари ҷиддӣ мерасонанд. Дар солҳои охир қонунгузории миллӣ дар самти танзими ҷавобгарӣ барои ғайриқонунӣ ба даст овардани иттилоот ба таври назаррас пеш рафтааст. Бо вуҷуди ин, дар илми ҳуқуқи ҷиноятӣ ҳанӯз ҳам масъалаҳое боқӣ мондаанд, ки таҳлилу баррасии муфассалро тақозо мекунанд. Аз ҷумла, яке аз масъалаҳои муҳим муайян кардани дараҷаи хавфнокии ҷамъиятии чунин ҷиноят, хусусиятҳои объективӣ ва субъективии он мебошад. Имрӯз зарурати ҷиддӣ ба такмили истилоҳоти ҳуқуқие, ки дар санадҳои меъёрӣ истифода мешаванд, ба миён омадааст, зеро набудани истилоҳоти ягона ва муқарраршуда татбиқи амалии қонунгузориро мушкил мегардонад. Илова бар ин, норасоии

таҳқиқоти бунёдӣ дар ин соҳа ва набудани тавсияҳои равшан оид ба истифодаи меъёрҳои таъмини амнияти иттилоотӣ барои мақомоти ҳифзи ҳуқуқ мушкилоти муайянеро эҷод менамояд.

Аз ин рӯ, таҳқиқи ҷавобгарии ҷинояти барои ғайриқонунӣ ба даст овардани иттилоот: проблемаҳои назариявӣ ва амалӣ, бо дарназардошти таҷрибаи амалии мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва таҳлилҳои назариявӣ, дорои аҳамияти илмию амалии муҳим буда, ба рушди қонунгузории ҷиноятӣ, такмили сиёсати давлатӣ дар соҳаи муқовимат бо ҷинояткорӣ ва баланд бардоштани самаранокии фаъолияти мақомоти ҳифзи ҳуқуқ мусоидат менамояд.

**Дараҷаи асоснокии гузориши илмӣ, хулосаю пешниҳод, ки дар диссертатсия оварда шудааст.** Гузориши илмие, ки дар таҳқиқоти диссертатсионӣ пешниҳод шудааст, дорои дараҷаи баланди асоснокӣ буда, ба принсипҳои таҳқиқоти комплексӣ, муқоисавӣ ва таҷрибавии таҳқиқи илмӣ такя карда, натиҷаҳои он бар пояи таҳлили ҳамаҷонибаи қонунгузории ҷиноятӣ, маводи тафтишию судӣ ва адабиёти илмӣ таҳия шудаанд. Асоснокии назариявӣ дар такя ба дастовардҳои мактабҳои классикии ҳуқуқи ҷиноятӣ ва таҳлилҳои муосири соҳаи ҳуқуқи ҷиноятӣ таҷассум ёфтааст. Асоснокии эмпирикӣ бошад, дар заминаи пажуҳиши маводҳои амалии мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, таҳлили парвандаҳои ҷиноятӣ ва маълумоти оморӣ таъмин мегардад.

Хулосаю пешниҳодҳои муаллиф бо таҳлили илмӣ ва маводи кофии амалии ҷамъшуда асоснок гардида, барои баланд бардоштани самаранокии қонунгузории ҷиноятӣ дар самти таъмини амнияти иттилоотӣ мусоидат хоҳанд намуд. Аз ин рӯ, натиҷаҳои таҳқиқот ҳам барои рушди илми ҳуқуқ ва ҳам барои амалияи ҳуқуқтатбиқкунӣ аҳаммияти арзишманд доранд.

Пешниҳодҳои назариявӣ ва амалӣ, ки дар таҳқиқоти диссертатсионӣ пешбини гардидааст, хусусияти амалияи ҳуқуқии мамлакатро ба назар гирифта, бо натиҷаҳои таҳқиқот робитаи мустақим доранд. Онҳо ба

такмили фаъолияти мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, баланд бардоштани самаранокии таъмини амнияти иттилооти, тaҳияи барномаҳои махсуси соҳавӣ равона карда шудаанд. Пешниҳодҳо дорои потенсиали амалии воқеӣ буда, дар сиёсати ҳуқуқи ҷиноятӣ ва фаъолияти амалии мақомоти татбиққунандаи қонун қобили амалишавӣ мебошанд.

**Навгонии илмии таҳқиқ ва саҳеҳияти натиҷаҳои гирифташуда.** Навгонии илмии таҳқиқ дар он ифода меёбад, ки он аввалин кори илмӣ дар самти таҳқиқшаванда буда, бевосита ба ҷавобгарии ҷиноятӣ барои ғайриқонунӣ ба даст овардани иттилоот бахшида шудааст. Дар таҳқиқоти мазкур таҳлили пурра ва ҳамаҷонибаи хусусиятҳои таркиби ин ҷиноят бо дарназардошти санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқии соҳавӣ ва хусусиятҳои муқаррароти ҳуқуқии чунин кирдорҳо дар қонунгузории давлатҳои хориҷӣ анҷом дода шудааст, ки бо назардошти ҷанбаҳои мусбати таҷрибаи хориҷӣ барои такмил ва танзими чунин кирдорҳо дар Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон мусоидат менамояд. Ин ҷиҳат низ аҳамияти илмӣ ва асолати тадқиқотро муайян мекунад. Ҳамчунин, мавриди зикр аст, ки навгонии илмии дар таҳқиқ муқаррар гардида, дар замони рушди бесобиқи технологияҳои гуногуни иттилоотӣ на фақат барои давлати мо мубрам ифода мегардад, балки барои тамоми манотиқи дунё, ки масъалаи ғайриқонунӣ ба даст овардани иттилоот онҳоро фаро гирифтааст, судманд ифода мегардад.

Илова бар ин, диссертант тавонистааст бо роҳи истифодаи усулҳои гуногуни илмӣ исбот намояд, ки кирдорҳое, ки ба амнияти иттилоотӣ таҳдид мекунанд, хусусияти қасдона ва ғайриқонунӣ доранд. Онҳо дар шакли дастрасии ғайриқонунӣ ба системаҳои иттилоотӣ ва шабакаҳои коммуникатсионӣ зоҳир мегарданд, ки метавонанд боиси халалдор шудани кори муътадили онҳо шаванд. Албатта чунин кирдорҳо механизмҳои муқарраршудаи ҳифзи иттилоотро заиф намуда, барои ҳифз, дастрасӣ ва махфияти иттилоот хатар эҷод мекунанд.

Диссертант инчунин ҷиҳати мушаххас ва пурра намудани диспозитсияи м. 301 КҶ ҶТ мувофиқи мақсад шуморидааст, ки дар қисми 3-юми моддаи 301 КҶ ҶТ меъёрҳои алоҳида дар мазмуни зайл ифода карда шавад:

д) боиси нобудшавӣ ва ё басташавӣ, иттилоот гардида бошад;

е) аз ҷониби шахсе, ки аз мақоми хизматиаш истифода мебарад, ҳамзамон аз ҷониби шахсе, ки ба компютер ва технологияҳои гуногунӣ иттилоотию коммуникатсионӣ ё шабакаи онҳо дастрасӣ дошта бошад, содир шуда бошад (саҳ. 16 диссертатсия).

Маврид ба зикри хос аст, ки пешниҳоди мазкур дар заминаи рушди технологияҳои иттилоотӣ, ҷиҳати фарогир намудани меъёрҳои қонунгузории ҷиноятӣ заминаи ҳуқуқиро фароҳам меоварад.

Саҳеҳияти натиҷаҳои гирифташуда бо асосноккунии қавӣ ва эътимодбахши онҳо тасдиқ карда мешавад, ки аз таҳлили ҳамаҷонибаи маводҳои амалияи судӣ-тафтишӣ барои солҳои 2008-2025, қонунгузории ҷиноятии Тоҷикистон ва таҷрибаи кишварҳои хориҷӣ бармеояд.

Ҳамин тариқ, навгонии илмӣ ва саҳеҳияти натиҷаҳои таҳқиқоти мазкур заминаи устувори назариявию амалӣ дошта, барои рушди минбаъдаи илми ҳуқуқи ҷиноятӣ ва такмили қонунгузории ҷиноятӣ дар самти ҷавобгарии ҷиноятӣ барои ғайриқонунӣ ба даст овардани иттилоот, аҳаммияти назаррас дорад

**Аҳаммияти илмӣ, амалӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии натиҷаҳои диссертатсия.** Аҳаммияти илмӣ ва амалии таҳқиқот дар он ифода ёфтааст, ки муаллиф мақсад ва вазифаҳои дар назди худ гузоштаро ба таври комплексӣ баррасӣ намудааст. Таҳқиқоти мазкур ба рушди минбаъдаи илми ҳуқуқи ҷиноятӣ ва дигар илмҳои ба мавзуи мазкур алоқаманд, мусоидат хоҳад кард. Натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ имкон медиҳанд, ки мушкилоти мавҷудаи назариявии мафҳумҳои ба мавзуи мазкур рабтдошта, тавзеҳ дода шаванд. Инчунин, натиҷаҳои таҳлил ба пайдоиши тасаввурот оид ба маҷмуи воситаҳои қонунии муқовимат ба ғайриқонунӣ ба даст

овардани итттилоот мусоидат намуда, барои таҳқиқотҳои минбаъда дар ин соҳа замина мегузоранд. Натиҷаҳои таҳқиқот дар фаъолияти қонунгузорӣ ва мақомоти ҳифзи ҳуқуқ (КДАМ, Вазорати корҳои дохилии ҶТ, Прокуратураи генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати адлияи ҶТ) ва судҳо метавонанд истифода карда шаванд. Ғайр аз ин, ба мақсад мувофиқ аст, ки натиҷаҳои таҳқиқот ҷиҳати мукаммалгардонии фаъолияти мақомоти ҳифзи ҳуқуқ дар самти таъмини амнияти иттилоотӣ аз ҳамлаҳои киберӣ дар шароити ҷаҳонишавӣ истифода бурда шавад. Маводи таҳқиқоти диссертатсионӣ метавонад дар фаъолияти омӯзгорӣ барои таълими фанҳои таълимии «Ҳуқуқи ҷиноятӣ», «Ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ» ва «Криминология», ҳамзамон барои гузаронидани семинарҳо, конфронсҳо ва «мизҳои мудаввар»-и илмӣ ва корҳои амалӣ муфид хоҳанд буд.

**Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ, дурустӣ ва асоснокии натиҷаҳои таҳқиқ.** Эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот бо истифода аз маҷмӯи васеи методҳои илмии санҷидашуда таъмин гардидааст. Ҳамзамон, эътимодноки бо таҳлилҳо, озмоишҳо, дурустии маълумотҳо, ҳаҷми кофии маводи диссертатсия ва мақолаҳо собит карда шудааст, ки ин заминаи боэътимоди эмпирикиро барои натиҷаҳо ва хулосаҳо фароҳам овардааст.

Асарҳои нашршудаи муаллифро омӯзгорони муассисаҳои олии таълимӣ ва мақомотҳои ҳифзи ҳуқуқи кишавр ҳангоми хондани лексияҳо ва гузаронидани машғулиятҳои семинарӣ (амалӣ) бо донишҷӯён, магистрантҳо ва аспирантҳо, ҳангоми такмили ихтисоси кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ истифода мебаранд.

Хулосаву тавсияҳо ба таҳлили илмии натиҷаҳои таҳқиқотҳои назариявӣ ва амалӣ асос ёфтаанд. Ин тавсияҳо дар раванди таҳлили муқоисавии категорияҳои илмӣ, таҷрибаи судӣ ва амалияи мақомоти ҳифзи ҳуқуқ таҳия шудаанд, ки исботи объективии онҳо ҳисобида мешавад. Ҳар як хулоса бо далелҳои санҷидашуда ва таҳлили пурраи оморӣ ва ҳуқуқӣ

пӯшида шудааст, ки ба баланд гардидани эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ мусоидат мекунад.

Дар умум, натиҷаҳои таҳқиқ бо назардошти тахдили ҳамаҷониба, муқоисаи манбаъҳои гуногун ва истифодаи усулҳои муосири илмӣ дурустӣ ва асоснокии худро исбот намуда, барои истифода дар татбиқи амалию пурраи «Барномаи давлатии муқовимат бо ҷинояткорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2030» ва амалӣ намудани тавсияҳои мақомоти судӣ ва ҳифзи ҳуқуқ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон заминаи устувор фароҳам меоранд.

**Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар тахқиқ.** Саҳми муаллиф дар илми ҳуқуқи ҷиноятӣ дар он ифода меёбад, ки таҳқиқоти мазкур нахустин таҳқиқоти мукаммали илмии «Ҷавобгарии ҷиноятӣ барои ғайриқонунӣ ба даст овардани иттилоот: проблемаҳои назариявӣ ва амалӣ» дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад. Дар таҳқиқоти илмӣ ба таври пурра ва бо диди нав масъалаҳои таърихи ташаккул, мафҳум ва хусусиятҳо, таҳлили муқоисавӣ-ҳуқуқии ҷавобгарии ҷиноятӣ ва дигар масъалаҳои муҳим баррасӣ шудаанд. Одатан муҳаққиқон аз чунин мавзуъҳои мураккаб канораҷӯӣ мекунанд, аммо унвонҷӯ тавонистааст, ки чунин мавзуи проблеманокро таҳқиқ ва масъалаҳои онро бо таври зарурӣ ҳал намояд. Дигар ин, ки натиҷаҳои илмии бадастомада, аз ҷумла хулосаҳои назариявӣ, муқарраротҳои фундаменталӣ ва тавсияҳои амалӣ, ки ба ҳимоя пешниҳод шудаанд, пурра аз ҷониби муаллиф мустақилона таҳия ва асоснок карда шудаанд. Ин нишондиҳандаи баландтари соҳибистиқлолии илмию таҳқиқотӣ ва малакаи эҷодии довталаб дар коркарди масоили мураккаб мебошад. Дар маҷмуъ, тарзи навишт, масъалагузорӣ ва услуби диссертатсия саҳми шахсии муаллифи диссертатсияро нишон медиҳанд, ки ифодакунандаи мустақилият, эҷодкорӣ ва қобилияти тадқиқотии довталаб мебошад.

**Нашри натиҷаҳои таҳқиқ дар маҷаллаҳои тақризшавандаи илмӣ.** Натиҷаҳои асосии таҳқиқоти диссертатсионӣ дар 12 мақолаҳои илмӣ инъикос гардида, ба баррасии паҳлӯҳои гуногуни ҷавобгарии ҷиноятӣ барои ғайриқонунӣ ба даст овардани иттилоот: проблемаҳои назариявӣ ва амалӣ бахшида шудаанд. Аз ҷумла, 3 мақола дар нашрияҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расидааст. Дар ин нашрияҳо натиҷаҳои калидӣ, хулосаҳои илмӣ ва тавсияҳои пешниҳодкардаи унвонҷӯ ба таври мушаххас ва возеҳ баён ёфтаанд.

Теъдоди маводи чопшуда ба банди 35 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 (бо тағйиру иловаҳо аз 26 июни соли 2023, №295) тасдиқ шудааст, мувофиқ мебошад.

**Арзёбии мазмуни диссертатсия ва дараҷаи ба итмом расидани он. Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия.** Дар муқаддимаи диссертатсия аҳаммияти мавзуи таҳқиқшаванда бо таври амиқ асоснок карда шудааст. Дар он дараҷаи омӯзиши мавзуи барасишаванда арзёбӣ гардида, объект ва предмети таҳқиқот, ҳадаф ва вазифаҳои он, асосҳои назариявӣ ва методологии таҳқиқ, навгониҳои илмӣ ва аҳаммияти назариявию амалӣ муайян карда шудааст. Муаллифи рисола дуруст зикр менамояд, ки масъалаи таъмини ҳимояи ҳаёт, саломатӣ, ҳуқуқ ва озодиҳои шаҳрвандон дар замони муосири инкишофи низоми демократии ҷомеа нақши аввалиндараҷаро касб намудааст. Дар робита ба ин, омӯзиш, таҳлил ва мукаммалгардонии меъёрҳои қонунгузории танзимкунандаи муносибатҳои ҷамъиятие, ки ба таъмини амнияти иттилоотӣ аз ҳамлаҳои киберӣ равона шудааст, яке аз самтҳои дурнамои сиёсати ҳуқуқии ҷиноятӣ ба шумор меравад

Дар боби якум, муаллиф ташаккули қонунгузории ҷиноятӣ вобаста ба ғайриқонунӣ ба даст овардани иттилоот дар Ҷумҳурии Тоҷикистон,

мафҳум ва хусусиятҳои ғайриқонунӣ ба даст овардани иттилоот, таҳлили муқоисавӣ-ҳуқуқии ғайриқонунӣ ба даст овардани иттилоотро тибқи қонунгузории ҷиноятии давлатҳои хориҷа таҳқиқ намуда, қайд менамояд, ки яке аз мушкилоти калидӣ дар ин самт муайян намудани мафҳуми аниқи «ғайриқонунӣ ба даст овардани иттилоотӣ» мебошад. Коркарди таърифи ҳуқуқии он таҳлили пешакӣ ва дақиқ намудани категорияҳои асосие ба мисли «иттилоот», «амният» ва «иттилооти компютерӣ»-ро талаб мекунад. Илова бар ин, рисоланавис таъкид менамояд, ки таҳлили муқоисавии ҳуқуқии ғайриқонунӣ ба даст овардани иттилоот нишон медиҳад, ки Кодексҳои ҷиноятии амалкунандаи кишварҳои пасошуравӣ тамоми номгӯйи кирдорҳои ғайриқонунии содиршаванда дар соҳаи амнияти иттилоотӣ (иттилооти компютерӣ)-ро фаро намегиранд (саҳ. 54-61 диссертатсия).

Дар боби дуюми ин таҳқиқот аломатҳои объективии ғайриқонунӣ ба даст овардани иттилоот, баррасӣ гардидааст. Дар доираи ин боб таҳлили муфассали аломатҳои объективии ҷинояти мазкур анҷом дода шудааст (саҳ. 74-83 диссертатсия). Қайд карда мешавад, ки назарияи объект ва аломатҳои он яке аз таълимоти калидӣ, вале дар айни замон нокифоя рушдёфта дар илми ҳуқуқи ҷиноятӣ ба шумор меравад.

Дар боби сеюм аломатҳои субъективии ғайриқонунӣ ба даст овардани иттилоот мавриди таҳлил қарор дода шудааст. Субъекти ин ҷиноят шахси воқеии умумӣ буда, синни ҷавобгарии ҷиноятӣ аз 16-солагӣ муайян шудааст. Унвонҷӯ тарафи субъективии ин ҷиноятро бо гуноҳ дар шакли қасди бевосита ҷой дошта ҷонибдорӣ намудааст. Шахсе, ки вобаста ба тағйир додан, нест кардан, бастабандии компютер сару кор мегирад, вай дидаю дониста ин кирдорро содир мекунад. Исбот гардидааст, ки ғайриқонунӣ ба даст овардани иттилоот дар шакли беэҳтиётӣ ҷой дошта наметавонад (саҳ. 151-152 диссертатсия).

Дар хулоса, муаллиф таъкид кардааст, ки ҷавобгарии ҷиноятӣ барои ғайриқонунӣ ба даст овардани иттилоот бори аввал баъд аз қабул гардидани КҶ ҶТ соли 1998 алоқаманд буда, дар боби 28 КҶ ҶТ мустаҳкам карда шудааст. Дар баробари муқаррар гардидани меъёри мушаххас вобаста ба ин ҷиноят дар боби мазкур марҳилаи нави муқовимат бо ғайриқонунӣ ба даст овардани иттилоот оғоз гардид.

Ҳамзамон, диссертант иброз менамояд, ки кирдорҳое, ки ба амнияти иттилоотӣ таҳдид мекунанд, хусусияти қасдона ва ғайриқонунӣ доранд. Онҳо дар шакли дастрасии ғайриқонунӣ ба системаҳои рақамӣ ва шабакаҳои коммуникатсионӣ зоҳир мегарданд, ки метавонанд боиси халалдор шудани кори муътадили онҳо шаванд. Ӯ пешниҳод намудааст, ки натиҷаҳои таҳқиқот бояд дар амал татбиқ шаванд, зеро пешниҳодҳое, ки ба такмили қонунгузорӣ ва илмӣ равона гардидаанд, замина асосии бартараф намудани норасоию холигиҳо дар ин самт мебошад.

**Мутобиқати баррасмиятдарории диссертатсия ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.** Рисолаи илмии Исозода Файзиддин Исо дар мавзуи «Ҷавобгарии ҷинояти барои ғайриқонунӣ ба даст овардани иттилоот: проблемаҳои назариявӣ ва амалӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.8. Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ, ки бо қарори Раёсати Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 сентябри соли 2021, №7 тасдиқ шудааст, мувофиқат мекунад. Барасмиятдарории диссертатсия бо риояи меъёрҳои услубӣ, қоидаҳои грамматикӣ ва академӣ иҷро гардида, талаботи Комиссияи олии аттестатсионӣ пурра таъмин шудааст.

**Мутобиқати тахассусии довталаб ба дараҷаи илмӣ.** Тахассуси илмии Исозода Файзиддин Исо ба ихтисоси илмии дархостшаванда 5.5.8.

Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ мувофиқат мекунад. Таҳқиқи диссертатсионӣ аз ин ҷиҳат қобили дастгирӣ мебошад, ки мавзуъ ва муҳтавои он пурра ба самти илмии номбурда мувофиқ аст.

**Эродҳо ва ҳолатҳои баҳсталаб доир ба диссертатсия.** Муайян ва таҳлил намудани эродҳо ва ҳолатҳои баҳсталаб яке аз унсурҳои муҳимми таъмини дурустӣ ва эътимоднокии натиҷаҳои диссертатсия мебошад, ки асосан хусусияти ҷузъӣ доранд:

1. Дар диссертатсия масъалаҳои марбут ба субъекти ин ҷиноят хуб таҳлил шудаанд, вале мавқеи мушаххаси муаллиф дар хусуси имконияти ҷалби субъектоне, ки дорои донишҳои махсус дар самти технологияҳои иттилоотӣ ва барномасозӣ мебошанд (масалан, провайдерон, хакерон, операторон, барномасозон ва ғ.) ба ҷавобгарии ҷиноятӣ тибқи моддаи 301 КҶ ҶТ ба таври равшан муайян нагардидааст. Зеро нн намуди ҷиноятро метавонанд дар бештари мавридҳо провайдерон, хакерон, операторон, барномасозон содир кунанд, ки технологияҳои иттилоотӣ ва барномасозиро хуб медонанд ва бо фаъолияти умумии шабакаи иттилоотӣ шинос мебошанд. Маҳз ҳамин омил ба онҳо имкони содир намудани ин навъи ҷиноятро фароҳам меорад.

2. Муаллиф дар боби сеюми таҳқиқот аломатҳои субъективии ғайриқонунӣ ба даст овардани иттилоотро таҳқиқ намуда иброз менамояд, тарафи субъективии ғайриқонунӣ ба даст овардани иттилоот гуноҳ дар шакли қасди бевоситаро ташкил медиҳад, яъне субъекти содиркунандаи ин ҷиноят ба ҷамъият хавфнок будани ҳаракат (беҳаракатии) худро дарк карда, имконият ё ногузирии фаро расидани оқибати барои ҷамъият хавфноки онро пешбинӣ намуда, хоҳони фаро расидани он бошад, аммо масъалаҳои шарикӣ дар ҷиноят ва дараҷаи

гунаҳгорӣ ва бегуноҳии субъект пурраи мавриди баррасӣ қарор дода нашудааст.

3. Унвонҷу бо дарназардошти таҳқиқи кодексҳои ҷиноятии мамлакатҳои хориҷӣ ва пасошуравӣ зарурияти ворид намудани меъёри алоҳида дар мазмуни зерин: «Моддаи 301 (1). Таҳия, интишор ва паҳн кардани иттилоот, тавассути шабакаҳои интернетӣ ва таҷҳизотҳои ёрирасони онҳо»-ро ба Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод намудааст, оё моддаҳое, ки дар боби 28 КҶ ҶТ «Ҷиноятҳо ба муқобили амнияти иттилоотӣ» муқаррар гардидаанд ин мазмунро фаро намегиранд?

Автореферати диссертатсия тибқи тартиби муқарраршуда барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.8. Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ, таҳия гардида, мазмуни асосии кори таҳқиқиро инъикос менамояд ва дар он натиҷаҳои назарраси илмӣ асоснок гардида, шарҳи пурраи худро ёфтаанд.

**Хулосаи умумӣ оид ба дрссертатсия.** Хулоса, диссертатсияи Исозода Файзиддин Исо дар мавзуи «Ҷавобгарии ҷинояти барои ғайриқонунӣ ба даст овардани иттилоот: проблемаҳои назариявӣ ва амалӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.8. Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ дар сатҳи зарурии илмӣ анҷом ёфта, аз ҷиҳати мазмун ба талаботи мавҷуда мутобиқ мебошад.

Диссертатсия ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқ буда, муаллифи он ба дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.8 – Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ сазовор мебошад.

Диссертатсия ва автореферат дар семинари васеи илмӣ-назариявии кафедраи пешгирии терроризм ва таъмини бехатарии ҷамъиятии факултети №6 Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон баррасӣ шудааст. Суратҷаласаи семинари васеи илмӣ-назариявӣ №7 аз 28 январи соли 2026.

Тақризи муассисаи пешбар дар асоси муқаррароти бандҳои 76-79 ва 81- и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 (бо тағйиру иловаҳо аз 26 июни соли 2023, №295) тасдиқ шудааст, аз ҷониби Сафарзода Ҳаёт Сайдамир, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ (аз рӯйи ихтисоси 12.00.08 – Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқӯқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ), профессори кафедраи пешгирии терроризм ва таъмини бехатарии ҷамъиятии факултети №6 Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон омода кардашуда дар ҷаласаи кафедраи пешгирии терроризм ва таъмини бехатарии ҷамъиятии факултети №6 Академия ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон баррасӣ, муҳокима ва ҷонибдорӣ шудааст. Дар ҷаласаи кафедра аз 18 нафар иштирок доштанд: 18 нафар. Натиҷаи овоздиҳӣ: «тарафдор» 18, «зид» - нест, «бетараф» - нест. Суратҷаласаи кафедра №7 аз 28 январи соли 2026.

Раиси семинари васеи илмӣ-назариявӣ,
Сардори кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ,
криминология ва психологияи факултети №2
Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон,
номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент,
подполковники милитсия Заробидинзода С.З.

Ташхисгари диссертатсия,
номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ,
профессори кафедраи пешгирии
терроризм ва таъмини бехатарии
ҷамъиятии факултети №6 Академияи
ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон Сафарзода Ҳ.С.

Котиби семинари васеи илмӣ-назариявӣ,
дотсенти кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ,
криминология ва психологияи
Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон,
номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ,
подполковники милитсия Аҳёзода Ш.Т.

Имзоҳои Заробидинзода С.З., Сафарзода Ҳ.С. ва Аҳёзода Ш.Т.-ро тасдиқ менамоям:

Сардори шуъбаи кадрҳои Академияи ВКД
Ҷумҳурии Тоҷикистон,
подполковники милитсия Саидзода А.Р.

«28» январи соли 2026

Суроға: Ҷумҳурии Тоҷикистон, Муассисаи давлатии таълимии таҳсилоти олии касбии «Академияи Вазорати корҳои дохилӣ», 734024, ш. Душанбе, кӯч. Мастонгулов, 3; (+992 37) 223-28-01; Факс: (+992 37) 226-60-43; сомона: www.avkd.tj; E-mail: avkdtj@mail.ru